**ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ М.ТУРСУНЗОДА**

**«Тасдиқ мекунам»**
ноиби ректор оид ба таълим
н.и.п. профессор,
___________ Турсунова М.Ғ.
«____»_________ 2019 сол

**Факултети «Китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ»**

**Кафедраи «Бойгоншиносӣ»**

# СИЛЛАБУС

Аз фанни **«Менеҷменти бойгоншиносӣ»** барои зинаи бакалавр, ихтисоси «бойгоншинос».

Миқдори кредит:2

Курс: 3

Семестр:1-2

Силлабус дар асоси Барномаи таълими фанн аз ҷониби омӯзгори калони кафедраи «Бойгоншиносӣ» Мамадазимова Майрам Муҳиддиновна тартиб дода шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ протоколи **№ __ аз «…» январи соли 2019**, тасдиқ шудааст.

Мудири кафедра Наҷотова Н.Б.

Шӯрои илми-методии факултет бо протоколи **№ _** аз **«…» январи соли 2019** тавсия додааст.

Декани факултет, н.и.п ____________ Холов Б.С.

Сардори раёсати таълим ____________ Арабов Ф.П.

Ном ва насаб: Мамадазимова М.М.

Унвон: Муаллими калон

Телефони омӯзгор: 918-81-34-01 моб.

Суроғаи интернетӣ: mmairam.m@mail.ru

Суроғаи кафедра: Бинои №1, ошёнаи 3

Маълумоти иловагӣ ________________________________________

Вақт ва ҷои гузаронидани машғулиятҳо: Бинои №1, ошёнаи 3, ауд. №35, 42

Семестри панҷум: 2 кредит **(лексия 32 соат, амалӣ 16 соат, КМД 16 соат)**

Санҷишҳои марҳилавӣ: семестри 1-ум **аз 15-ум то 21-уми октябр, аз 2-юм то 7-уми декабр**

Санҷишҳои марҳилавӣ: семестри 2-юм **аз 13-ум то 19-уми март,**

**аз 5-ум то 11-уми май**

Имтиҳон: семестри 1-ум аз **20-уми декабр то 16-уми январ**

Имтиҳон: семестри 2-юм аз **2-юми июн то 30-юми июн**

## Ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ

<table>
<tr><td></td><td colspan="5">Номи пурраи фан:<br>**Технологияи иттилоот дар фаъолияти китобдорӣ**</td></tr>
<tr><td>забони таълим<br><br>**точикӣ**</td><td>шакли назорати ниҳоӣ<br>**имтиҳон**</td><td colspan="3">Ном ва насаби омӯзгор:<br>Мамадазимова М.М.</td><td>Микдори кредит:<br><br>**2**</td></tr>
<tr><td rowspan="7">**Намуди курс**<br><br><br>**ҲАТМӢ**</td><td rowspan="7">**Сол ва нимсолаи таҳсил**<br><br>**Сол – 3**<br><br>**Нимсола-2**</td><td colspan="4">**Рӯз, вакт ва чои баргузории дарс**</td></tr>
<tr><td>**Рӯзҳои ҳафта**</td><td>**Соат**</td><td>**Синф-хона**</td><td>**Намуди дарс**</td></tr>
<tr><td>**Душанбе**</td><td>15⁰⁰-16⁵⁰</td><td>72</td><td>лексионӣ</td></tr>
<tr><td>**Панчшанбе**</td><td>13⁰⁰-16⁵⁰</td><td></td><td>семинар</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td>КМРУ</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td>Амалӣ</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td>КМД</td></tr>
</table>

## АДАБИЁТ

### РӮЙХАТИ АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА


1. Мамадазимова М. Национальная библиотека Таджикистана: история становления и развития (1933-1993 гг.). - Душанбе: Ирфон, 2012.- 224с.
2. Бурова Е.М. Маркетинг архивных документов и архивной информации // Вестник РГГУ. 2008, Серия «История», № 8/084.
3. Полукаров В.Л. Основы менеджмента: уч. пос.–Москва.: КНОРУС, 2008.
4. Кабушкин Н.И. Основы менеджмента: уч. пос.–Москва.: Новое знание, 2009.
5. Алексеева Е.В. Менеджмент в архивах (нормы времени на работы) // Делопроизводство. 2008, № 13.
6. Имидж – путь к успеху // https://marketing.wikireading.ru/3392
7. Библиотечный менеджмент // https://otherreferats.allbest.ru /management профессии – предмет и метод. Менеджмент - что это за профессия? // http://fb.ru/article/160430/menedjment-chto-eto-za-professiya-professii-svyazannyie-s-menedjmentom
8. Влияние имиджа на будущее библиотечной профессии// http://revolution.allbest.ru/culture/00482621_0.html
9. Имидж делового человека // http://www.grandars.ru/imidzh-delovogo-cheloveka
10. Менеджмент в архивах. Задача менеджмента в архивах // Интернет сайт.
11. Менеджер по санаторно-курортному делу: // https://www.almau.edu.kz/menedzhment_v_obrazovanii-3484
12. Продавец-консультант аптечных организаций: http://bakalavr-

magistr.ru/course/tovarov-aptechnogo-assortimenta-s-prisvoeniem-kvalifikatsii
13. Народный ремело и архив // http://narodnie-remesla.blogspot.com/2015/10/blog-post.html

## I.1 ШАРҲИ МАВҚЕИ ФАН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Фанни таълимии технологияи иттилоот дар фаъолияти китобдорӣ дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои китобдорӣ мақоми фанни ҳатмиро касб карда, дар ташаккулёбии донишҷӯ ҳамчун мутахассиси баландихтисос мавқеи яке аз фанҳои асосӣ (базавӣ)-ро ишғол намудааст. Ҳангоми омӯзонидани фан маълумот дар бораи мафҳум, мазмун ва ҷанбаҳои назариявии технологияи иттилоот, нақши технология дар рушди соҳаи китобдорӣ, таъсири он ба муҳити китобхона, далелнокӣ, нақши технологияи иттилоотӣ дар бардоштани имиҷи касби китобдорию китобхона асоснок пешкаш карда мешаванд.

## I.2. МАҚСАДИ ОМӮЗОНИДАНИ ФАН

Истифодаи технологияи муосир дар фаъолияти китобхонаҳо навовариҳои зиёдеро ба миён меоварад. Бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва барномаҳои махсус бунёди китобхонаҳои электронӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти иноватсионии китобхонаҳо ба ҳисоб меравад. Истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳо ҳамчун муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва маркази иттилоотӣ дар иттилоотонии ҷомеа нақши калидиро мебозанд ва китобхонаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ дорои китобхонаҳои электронӣ ва бо шабакаи байналмилалии интернет пайваст гардида фаъолияти инноватсионӣ яке аз самтҳои пешбарандаи китобхонаҳои муосир мегардад. Китобхона ва рисолати он дар ҷомеа тағйир меёбад ва ба муҳимтарин воситаи дастрасии озодонаи истифодабарандагон (хонандагон) ба иттилоот табдил ёфта, дар фаъолияти он қонеъгардонии ниёзҳои иттилоотии истифодабарандагон афзалияти бештар пайдо мекунанд.

Дар ин робита нақши китобхонаҳо ҳамчун марказҳои иттилоотию фарҳангӣ дар қонеъ гардонидани эҳтиёҷи ҷомеа ба замони нав, аҳамияти муҳимро касб менамояд.

## I.3 ВАЗИФАҲОИ ОМӮЗОНИДАНИ ФАН

Вазифаи омӯзонидани фон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ намудан, омӯзиши технологияи нави иттилоотиву коммуникатсионӣ ва дар ин замина баланд бардоштани саводнокии донишҷӯ, сифати тайёр намудани мутахассисони соҳаи фарҳанг ва махсус соҳаи китобдорӣ, ки барои қонеъ гардонидани талаботи шахс, хонандаи китобхона, давлат ва ҷомеа мебошад.

Таваҷҷӯҳи ҷиддӣ додан ба фаъолияти эҷодии омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ ва хонандагон, ба воситаи технологияи компютерии муосир ва шабакаҳои глобалӣ омӯхтани таҷрибаи пешқадами соҳаи китобдории кишварҳои бузурги ҷаҳон.

Омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ компютерро ҳамчун воситаи таълимӣ мавриди истифода қарор дода, фанни мазкурро ба донишҷӯён дар сатҳи баланд пешкаш карда тавонанд.

## 1.4. НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ ОМӮЗОНИДАНИ ФАН

Дар шароити нави ҷомеаи иттилоотӣ, бахусус пайдоиши компютерҳои фардӣ, воситаҳои нави табдилдиҳии матни чопӣ ба матни электронӣ ва ҳифзу нигоҳдории нусхаҳои электронӣ дар фаъолияти китобхона дигаргунии навро ба вуҷуд меоварад.

Омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар ҳама соҳаҳои ҷомеа ҳатмӣ буда, дар маориф чун як фанни алоҳида ҷорӣ карда шуд ва ба таври амалӣ таълим дода шуда истодааст:

- тибқи барномаҳои  соҳаи китобдорӣ татбиқшуда, ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо;
- баробари таъмин намудани китобхонаҳо бо технологияи иттилоотӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши тахассусии китобдорон;
- бо дарназардошти истифодаи технологияи муосир роҳандозӣ намудани хизматрасонии иловагии пулакӣ дар соҳаи китобдорӣ;
- бо истифода аз феҳристу картотекаҳои анъанавӣ ташкил ва барои истифода пешниҳод намудани феҳристу картотекаҳои электронӣ;
- бо истифода аз фонди китобхонаи анъанавӣ ташкил ва барои истифода пешниҳод намудани китобхонаи электронӣ ва ғ.

**Аз ин рӯ донишҷӯ вазифадор аст:**

- дар ҳамаи машғулиятҳо фаъолона иштирок намояд, қоидаҳои муқаррааргардидаи дохилидонишгоҳиро пурра риоя намояд;
- малакаи сари вақт ва ба таври мустақилона кор кардан  мавзӯҳои дарсиро дошта бошад;
- ҳангоми иштирок дар машғулиятҳо тамоми маъводҳои дарсӣ  (китоб, дафтар, қалам ва ғ.)-ро донишҷӯ бо худ дошта бошад;
- дар рафти гузаронидани машғулиятҳо бе иҷозати омӯзгор сухан накунад ва ба дигар корҳои беҳуда машғул нашавад;
- ба омӯзгор на бо ному насабаш, балки бо исми «муаллим» муроҷиат намояд;
- дар машғулотҳои ба методи нави интерактивӣ дар саволу ҷавоб фаол бошад.

**Пререквизитҳо** (алоқамандаии фанни таълимӣ бо фанҳои аз ҷониби донишҷӯ азхудкардашуда): фанҳои дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимии

таҳсилоти умумии миёна азхудкардаи донишҷӯ: математика, асосҳои информатика, забони хориҷӣ (русӣ), нақшакашӣ, география ва ғ.

**Постреквизитҳо:** (алоқамандии фанни таълимӣ бо фанҳое, ки донишҷӯ онҳоро дар баробари азхудкунии фанни технологияи иттилоотӣ ва пас аз худ намудани он дар давоми таҳсил аз худ менамояд): менеҷменти китобдорӣ, имиҷ ва этикаи китобдорӣ, асосҳои менеҷмент, менеҷменти китобдорӣ, менеҷменти молиявӣ (финансовий), ва ғайра.

## МАВЗУЪҲОИ ЛЕКСИОНӢ ВА КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА СЕМЕСТРИ ЯКУМ

**Нақшаи гузаронидани машғулиятҳо:**

| Ҳафтаҳо | Микдори соат | Номгӯи мавзӯъҳои лексионӣ, семинарӣ, КМРУ ва мундариҷаи онҳо | Намуди дарс | Адабиёт | Холҳо | Донишҷӯ бояд донад |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳафтаи 1 | 1 | Бартарии нақши менеҷмент дар ташкилот, марказҳои тиҷоратӣ истеҳсолот ва ғ. | лексия | 4,5,6, 8, 10,13, 14 | 10 | Таҳлил ва азхуднамоии касби менеҷмент дар соҳаҳои гуногун |
| | 1 | Намудҳои менеҷмент: Девелопер-менеҷер, Бизнес-тренер-шахс ва арбит-ражный-менеджер ва ғ. дар рушди муассиса, корхона ташкилотҳо | лексия | | | |
| | 1 | Оид ба маълумот ва таҷрибаи менеҷмент дар хориҷи кишвар | КМРУ | | | |
| | 1 | Интихоби касби менеҷмент ва маълумоти олии тахассусии менеджер | амалӣ | | | |
| | 1 | Менеҷмент дар рақобатпазир намудани бойгон | КМД | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳафтаи 2 | 1 | Ташкил карда тавонистани фаъолияти тиҷоратии бойгон аз тарафи менеҷмент ва дастури методӣ | лексия | 1 | 10 | Ҳалли проблемаҳои ҷоринамудани хизматрасонии иловагии музднок |
| | 1 | Арзиши хуҷҷатҳои бойгонӣ як намуди функтсияи маркетинг дар бойгон | лексия | | | |
| | 1 | Истифодаи тех. иттилоотӣ ва шабакаи глобалӣ дар фаъолияти бойгон ва ташкилотҳои гуногун | КМРУ | | | |
| | 1 | Проблемаҳои компю-теркунонии ва ташаббуси менеҷмент дар корхона | амалӣ | | | |
| | 1 | Фазои мусоид, коллектив, технология ва менеҷменти бойгон | КМД | | | |
| Ҳафтаи 3 | 1 | Мутахассис, гуруҳҳои ғаритабиий дар коллектив ва пешгуии менеҷмент дар рушди фаъолият | лексия | 1,2,3,4,5,6,7,8 | 10 | Илму маърифат дар тӯли умр аз суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурӣ Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ТИ ва забономӯзии ҷавонон |
| | 1 | Табдилёбии принсипи «илму маърифат дар тӯли умр» дар фаъолияти менеҷменти бойгон | лексия | | | |
| | 1 | Тағйирёбии фаъолияти бойгон баробари рушди ТИ | КМРУ | | | |
| | 1 | Таъсири Китобхонаи электронӣ дар ғанигардонии фонди бойгон | амалӣ | | | |
| | 1 | Проблемаҳои гуруҳҳои табиий ва ғайритабиий дар коллектив ва ҳалли он | КМД | | | |
| Ҳафтаи 4 | 1 | Нақши менеджер барои пурмаҳсулгардонии (иттилоотонии) сайти бойгон: администратор, мутахассис ва хонанда | лексия | 1,2,3,4,5 | 10 | Дастрасгардонии иттилооти музднок ва таърихи бойгонии электронӣ |
| | 1 | Саводнокии менеҷмент дар электроникардани маводҳои музднок ва бемузд | лексия | | | |
| | 1 | ТИ кафолати рушди бойгон | КМРУ | | | |
| | 1 | Роҳбар-менеҷмент- корман | амалӣ | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | донандаи ТИ ва хонандаи иттилооти электронӣ | | | | |
| | 1 | ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва фонди бойгон дар паҳнгар-донидани иттилооти электронии музднок | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 5** | 1 | оид ба аввалин дастгохи китобчопкунӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгон | лексия | 1,2,3,4,5,6, | 10 | Илму маърифат дар тӯли умр аз суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ТИ ва забономӯзии ҷавонон |
| | 1 | ихтирои аввалин нашриётчии немис Иоанн Гутенберг, фонди бойгон ва иттилооти музднок | лексия | | | |
| | 1 | бароҳмондани иттилооти музднок аз руи дастури методӣ | КМРУ | | | |
| | 1 | Рушди сайёҳи дар пешравӣ ва ғанӣ гардонидани фонди бойгон | амалӣ | | | |
| | 1 | Истифодаи ҳунарҳои мардумӣ дар тармим ва таъмири фонди бойгон | КМД | | | |
| | 1 | Истифода аз таҷрибаи менеҷменти корхонаҳои бонуфуз | лексия | 1,2,3,4,5,6,7,8 | | азхуднамудан ва пешгирии проблемаҳои хизматрасонии музднок ва ҳалли онҳо дар китобхонаҳо |
| **Ҳафтаи 6** | 1 | Саҳми менеҷмент дар ҷоринамудани хизматрасонии муздно | лексия | | 10 | |
| | 1 | Пешгуи, ба накшагирӣ, кор бо шахс, маркетинг паблик релейшнз ва инноватсия | КМРУ | | | |
| | 1 | – накши боваринок барои ноил гардидан ба муваффакияти корхона | амалӣ | | | |
| | 1 | Арзиши ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар фонди бойгонии марказӣ | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 7** | 1 | Истифодаи шабакаҳои глобалӣ дар фаъолияти тиҷоратии бойгон ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ | лексия | 1,2,3,4,5,6, ,1 | 10 | Идеологияи Ваннер Буш ва ларри Теслер ва фанни ТИ дар рушди ҷомеа |
| | 1 | Проблемаҳои ба шабакаи глобалӣ пайваст кардани бойгон | лексия | | | |
| | | Намуди модемҳо ва вазифаи | КМРУ | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | онҳо дар ТИ | | | | |
| | 1 | Нақши мусбӣ ва манфии шабакаи глобалӣ дар дастрассии итилоот | амалӣ | | | |
| | 1 | Шабакаҳои телекоммуникатсия ва амнияти иттилоотӣ | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 8** | 1 | Иртиботи доимии менеҷмент бо сарпараст ва ташкил намудани муошрати расмӣ оид ба рушди фаъолияти бойгон | лексия | 4,5, 9, 11, 12 | 10 | Тартиб додани мактуб, лоиҳа барои ҷалб намудани сарпараст |
| | 1 | Омода сохтани шароити зарурӣ ва таҳрезию амалӣ гардонидани механизми далелнокӣ ва ҳавасмандгардонӣ | лексия | | | |
| | 1 | Менеҷмент мутахассис, ҳамсол, ҳамсабақ корманди нав | КМРУ | | | |
| | 1 | Таҳлил ва омузиши ТИ дар ҷомеа ва фаъолияти бойгон | амалӣ | | | |
| | 1 | Тафовут ва робитаи барандаи анъанавӣ ва барандаи электронии бойгон | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 9** | 1 | Менеҷмент шахси саводноки асри 21: фарҳангӣ, тахассусӣ, забонӣ шабакавӣ, компютерӣ ва ғ. | лексия | 1,2,3,4,5, 9 | 10 | Бартарии китобхонаи электронӣ дар дастрасии иттилоот |
| | 1 | Ҳамкории бойгон бо телевизион, синамогарон, радио ва ғ. | лексия | | | |
| | 1 | Ҳамкории менеҷмент бо муассисаҳои фарҳангӣ ва фонди бойгонӣ | КМРУ | | | |
| | 1 | Ҳамкории менеҷмент бо мутахассисҳои соҳаҳои гуногун ва бастани шартномаҳо | амалӣ | | | |
| | 1 | Муҳимияти ташкил кардани шартнома бо муассисаҳо | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 10** | 1 | Интихоби мувофиқ ва дурусти кадрӣ дар тақсимоти вазифаи дар чорабинии гуногун | лексия | 1,2,3, 4,5,6,7 | 10 | Истифодаи барномаҳои архивонии дар фаъолияти бойгон |
| | | Менеҷмент – далел овардан | лексия | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | пешгуи кардани гузаронидани маърака ё ин ки чорабинӣ ва ҳавасмандгардонӣ | | | | |
| | **1** | муайянкардани намуд ва ҳаҷми кор, коргарон, муҳлат ва мақсади фаъолияти бойгон ва ғ. | КМРУ | | | |
| | **1** | Интихоби мавзуи чорабинӣ аз тарафи менеҷмент дар бойгон | амалӣ | | | |
| | **1** | Интихоби қишри ҷомеа оид ба баргузории чорабинӣ дар бойгон | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 11** | **1** | Омода намудани Дастури методӣ оид ба нархгузории фонди бойгониҳо | лексия | 1,2,3,7 | 10 | |
| | **1** | Шиносоии фонди бойгон ва рақобатпазирии фаъолияти бойгон ва шабакаи глобалӣ | лексия | | | |
| | **1** | Менеҷмент ва азхудкардани таҷрибаи кори бойгонии кишварҳои хориҷа | КМРУ | | | |
| | **1** | Истифодаи таҷрибаи бой-гонии кишварҳои пешқа-дами ҷаҳон ва ба роҳ гузо-рии бойгонӣ дар кишвар | амалӣ | | | |
| | **1** | Менечменти бойгон ва ноил гардидан ба муваффақият | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 12** | **1** | Навоварӣ – фаъолияти зеҳнии мутахассис-менеҷмент дар ташкилот барои ноил гардидан ба муваффақият | лексия | 5,6,7, | 10 | |
| | **1** | Менеҷменти босавод, бому-ваффақият ва менеҷменти бебарор дар костагар-диданаи корхона | лексия | | | |
| | **1** | Таҷриба, банақшагирӣ, пешгуи, рақбатпазирӣ | КМРУ | | | |
| | | Менеҷмент дар муошибати расмӣ ва ташкили муоширати расмӣ | амалӣ | | | |
| | **1** | Омода намудани муошибати расмӣ ва этикаи муоширати расмӣ | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 13** | **1** | Муносибати менеҷмент дар шинохти гуруҳҳои расмӣ ва ғайри расмӣ дар корхона | лексия | 1, 2,3,4,5, 6, | 10 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | Менеҷменти санатория, марказҳои туризм, истироҳатгоҳ, дорухона ва ғ. | лексия | | | |
| | **1** | Менеҷменти дорухона дар ташкили тиҷорати шабака-вӣ (сетевой маркетинг) | КМРУ | | | |
| | **1** | Саводнокӣ ва таҷрибаи менеҷмент дар тиҷорат ва сиҳатии ҷомеа | амалӣ | | | |
| | **1** | Менеҷмент дар рақобатпазирии кампанияҳои сайёҳӣ | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 14** | **1** | Истифодаи методҳои нави корбарӣ дар бойгонӣ тавассути гузаронидани конференция, семинар, мизи мудаввар ва ғ. | лексия | 1,2,3,4,5,6,7, | 10 | |
| | **1** | Ҷалб намудани таваҷҷуҳи сарпараст бо воситаи чорабинӣ ва намоиши ҳуҷҷатҳои бойгон | лексия | | | |
| | **1** | Саҳми менеҷмент дар нақшагирии чорабинӣ дар бойгон | КМРУ | | | |
| | **1** | Пешгуии менеҷмент: муайян кардани пешравӣ аз таҷриба, дониш ва натиҷаи воқеӣ | амалӣ | | | |
| | **1** | пешгуии илмӣ-техникӣ, иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ | КМД | | | |
| **Ҳафтаи 15** | **1** | Қисматҳои касби менеҷ-мент: топ-менеҷмент девелопер-менеҷер, бизнес-тренер-шахс ва арбит-ражный-менеджер ва ғ.дар ташкилот | лексия | 1,2,3,5,6, | 10 | Интихоб, таҳлил ва таҷриба ва ташаббуси менеҷмент |
| | **1** | Менеҷмент дар соҳаи варзиш, марказҳои тиҷоратӣ ва ғ. | лексия | | | |
| | **1** | Омодагӣ ва таҷрибаи мутахассиси соҳаҳои гуногун барои иҷрои фаъолияти менеҷменти соҳаҳои гуногун | КМРУ | | | |
| | **1** | Ба нақшагирӣ, кор гузорӣ, назорат ва ҳавасмандгузорӣ | амалӣ | | | |
| | **1** | Ҷалб кардани сарпараст ва ҷавонони болаёқат ба касби бойгоншинос-менеҷменти | КМД | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | бойгон | | | | |
| **Ҳафтаи 16** | **1** | Тафовут ва мушкилоти касби менеҷмент ва топ-менеҷменти ташкилот | лексия | 1,2,3,4,5,6,7, | 10 | Омода будани донишҷӯ барои фаъолияти менеҷменти корхонаҳои намуди гуногун |
| | **1** | Проблемаҳои тахассуси «менеҷмент» дар амал дар истеҳсолот ва маълумоти олӣ | лексия | | | |
| | **1** | Маълумоти гирифташуда дар даргоҳи олӣ | КМРУ | | | |
| | **1** | Менеҷменти иқтисоди хориҷӣ дар истеҳсолот **(внешнеэкономический деятельность)** | амалӣ | | | |
| | **1** | Ташаббуси менеҷмент бо мутахассис дар додугирифти тиҷорати хориҷӣ дар истеҳсолот | КМД | | | |

## ОМИЛҲОИ ТАЪЛИМ

Барои азхуднамоии назария ҳафтае 2 маротиба дарси лексионӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми баргузории дарси лексионӣ аз слайдҳо, намунаи варақаҳои истифода бурда мешуда, намунаи маводҳои тарғиботӣ аз таҷрибаи китобхонаҳо фаровон истифода бурда мешавад. Омӯзгор вобаста ба шароити мувофиқ барои дарсҳо **слайдҳоро** тайёр менамояд.

Инчунин барои тайёр намудани маводҳои зарурӣ аз воситаҳои техникии таълим (ба монанди **ноотбук, проектор, тахтаи электронӣ** ва ғ.) **низ васеъистифода бурда мешавад.**

**ДИҚҚАТ:**

Дар дарсҳои лексионӣ ба донишҷӯён саволҳои характери эҷодидошта пешниҳод карда мешавад ва донишҷӯён ба он саволҳо ҷавобҳои мушаххас дода, соҳиби холҳои мувофиқ шуданашон имконпазир аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки донишҷӯён на танҳо мавзӯҳои гузаштаро, балки мавзӯи навро низ аз барномаи таълимӣ, силлабус муайян намуда, бо тайёрии ҳамаҷониба ба дарсҳо омода бошанд, то ки соҳиби холҳои баланд гарданд.

Барои дарси амалӣ дар як ҳафта 1 соат ҷудо карда шудааст. Дар раванди баргузории дарси амалӣ гузориши масъалаҳои муҳими соҳаи иқтисодӣ бо мисолҳои мушаххас мустаҳкам гардонида мешавад.

Дар ин дарсҳо бештар оид ба тартиб додани иҷрои корҳои мустақилона бо роҳбарии устод маълумоти муфассал дода мешавад.

Ҳангоми ҳаллу фасли мисолу масъалаҳо иштироки фаъолонаи донишҷӯй дар мадди аввал меистад ва ҳар як ғояи нави донишҷӯён бахри ҳалли муаммогузорӣ холгузорӣ карда мешавад.

Бинобар ин, донишҷӯён бояд баҳри ҳаллу фасли ҳар масъалаву муаммоҳо ҷидду

ҷаҳд намоянд.

**Барои тайёрӣ ба назорати марҳилавӣ ва имтиҳони ниҳоӣ пешакӣ намунаи саволҳои тестӣ ба донишҷӯён супорида мешавад.**

Бояд қайд кард, ки тартибу интизом ва дигар масъалаҳои муҳими тарбиявӣ дар рафти дарс дар мадди аввал меистад ва ҳар як рафтори ноҷояи донишҷӯй метавонад ӯро аз 10 холи соҳибгаштааш маҳрум созад. Аз ин ҷо ба мақсади он, ки донишҷӯй ба 10 холи имрӯза соҳиб гардад, вай бояд тамоми тартибу талаботи мактаби олиро риоя намояд.

Барои иҷрои корҳои мустақилона рӯйхати адабиёти зарурӣ ва иловагӣ, маводҳои таълимӣ-методӣ пешниҳод карда мешавад, ки дастрас намудани ин маводҳо дар китобхонаи илмии донишгоҳ ва Китобхонаи миллӣ имконпазир аст.

## БАҲОГУЗОРӢ

Баҳои ҷамъбастӣ ҷузъҳои зеринро дарбар мегирад:

- санҷишҳои рейтингии фосилавӣ-**50%;**
- имтиҳони ҷамъбастӣ **-50%;**

Баҳои ҷамъбастӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Бч = \left[\frac{(СФ_1 + СФ_2)}{2}\right]\cdot 0{,}5 + \left((4x) + Ич\right)\cdot 0{,}5$$

дар ин ҷо:

**$СФ_1$-** нишондиҳандаи ададии баҳои санҷиши фосилавии якум;

**$СФ_2$-** нишондиҳандаи ададии баҳои санҷиши фосилавии дуюм;

**4 $X$** - ҷамъи холҳои 4 ҳафтаи охир;

**Иҷ** – нишондиҳандаи ададии баҳои имтиҳони ҷамъбастӣ.

Ифодаи ҳуруфии баҳои имтиҳонӣ ва нишондиҳандаи ададии он аз рӯи холҳои дар асоси вазни қиёсии ҷавобҳои дуруст бадастовардаи донишҷӯ, ки бо фоиз нишон дода мешавад, муайян мегардад. (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

***Ифодаи ҳуруфӣ ва ададии баҳои имтиҳонӣ***

| **Баҳо (ҳуруфӣ)** | **Ба намуди фоиз (%)** | **Ифодаи анъанавии баҳо** |
|---|---|---|
| **A** | **95-100** | **Аъло** |
| **A-** | **90-94** | |
| **B+** | **85-89** | **Хуб** |
| **B** | **80-84** | |
| **B-** | **75-7** | |
| **C+** | **70-74** | **Миёна** |
| **C** | **65-69** | |
| **C-** | **60-64** | |
| **Д** | **55-59** | |
| **Д-** | **50-5** | |
| **Ғ** | **0-49** | **Бад** |

| | **МЕЪЁРҲОИ БАҲОГУЗОРӢ** |
|---|---|

***0 хол*** - иштироки ғайрифаъоли донишҷӯ дар дарс, ҷавоб надодан ба дарс, бесабаб иштирок накардан ба дарс;

***1 хол*** - баъзан дар давоми дарс мароқ зоҳир кардан ба мавзӯъ, дар идомаи дарс мустақилона кор карда натавонистан, ба саволу ҷавобҳо тайёр набуда;

***2 хол*** - муқоиса карда натавонистани баъзе қисматҳои мавзӯи дарс, иҷро намудани машқҳо бо хатоиҳои зиёд, ба вазифаи супоридашуда хунукназарона нигоҳ кардан;

***3 хол*** – дар хотир нигоҳ доштани қисми мавзӯъ, инъикоси мавзӯъ ҳангоми иҷроиши машқу масъалаҳо бо хатоиҳо, дар ҳама қисми дарс бевосита ба ёрии омӯзгор мӯҳтоҷ будан;

***4 хол*** – аз худ намудани қисми бештари мавзӯъ, иҷро карда тавонистани машқу вазифаҳо, лекин бо хатоиҳо, баъзан ба кӯмаки омӯзгор мӯҳтоҷ будан;

***5 хол*** – аз худ намудани қисми зиёди мавзӯи дарс, иҷро карда тавонистани машқҳову вазифаҳо, лекин бо хатоӣ, баъзан ба кӯмаки омӯзгор мӯҳтоҷ будан;

***6 хол*** – инъикоси мавзӯи дарс бо фаҳмиши дуруст, истифодаи бомавриди донишу малака дар мавқеъҳои зарурӣ ё иҷрои машқу вазифаҳо бо хатоиҳои кам, лекин бо кӯмаки омӯзгор ислоҳшаванда;

***7 хол*** – бомавқеъ дар шароити шинос истифода бурдани донишу малака аз рӯи барномаи фан; иҷроиши машқу масъалаҳо аз рӯи талабот, лекин бо хатоиҳои каму беш; мустақилона ислоҳ намудани хатоиҳои худ;

***8 хол*** – дар мавқеи зарурӣ истифода бурда тавонистани донишу малака, мустақилона иҷро намудани машқу вазифаҳо;

***9 хол*** – дар мавридҳои гуногун истифода бурда тавонистани донишу малака, мустақилона ва бо мисолҳо таҳлил кардани машқу вазифаҳо, дар саволу ҷавоб фаъол будан, дар ҳар мавриди машқ роҳи дурусти ҳалли масъаларо дарёфта тавонистан;

***10 хол*** – озодона истифода бурдани донишу малака аз рӯи барномаи фаннӣ, интизоми хуб доштан, дар дарсҳо фаъол будан, донишу малакаи омухтаашро истифода бурда тавонистан, нақши муҳимии технологияи иттилоотро дарк кардан, фаъолона иҷро намудани вазифаҳои гузошташуда.

| | **МАСЪУЛИЯТИ ДОНИШҶӮ ВА ТАЛАБОТ НИСБАТ БА Ӯ** |
|---|---|

Новобаста аз сабабҳои ғоибӣ донишҷӯ аз холҳои имконпазири барои иштирок дар дарс мегирифтааш маҳрум карда мешавад.

Танҳо дар ҳолати пешакӣ огоҳ намудани устод аз иштирок накардан дар дарси оянда бо сабабҳои асоснок донишҷӯён вазифаи хонагӣ ва корҳои мустақилонаро дар мӯҳлати як ҳафта супорида, холи назорати ҷориро гирифта метавонанд. Назорати марҳилавӣ ва имтихони ниҳоӣ ба таври иловагӣ ташкил карда намешавад.

Донишҷӯёни ба дарс деромада, ба дарс роҳ дода намешаванд. Дар вақти гузаронидани дарс, телефонҳои мобилӣ бояд хомӯш карда шавад.

Дар дарси амалӣ донишҷӯй бояд дар рӯи мизи корӣ: қалам, хаткашак, резина, ручка, ҳисобкунак ва дигар лавозимоти зарурии таълимиро дошта бошад. Бояд дар хотир дошт, ки иҷрои ин шартҳо донишҷӯёнро соҳиби холҳои лозима мегар донад.

Дар дарс беиҷозат аз ҷой хестан, гап задан ё ба дафтари ҳамсабақон нигоҳ

кардан қатъиян манъ аст. Ин рафтори ноҷоя асоси вайроншавии муносибати донишҷӯй бо донишҷӯй ва устод мегардад.

**ТАЛАБОТҲОИ ИЛОВАГӢ БАРОИ ОМОДАГӢ БА ДАРС**

Донишомӯзӣ ин меҳнати бениҳоят вазнин, пурмашаққат ва шарафнок аст. Бояд чунон меҳнат кард, ки аз он ҳосили фаровон ба даст оред ва аз кори кардаи худ қаноатманд бошед.

Донишомӯзӣ ин фаъолияти асосии Шумо ба ҳисоб меравад. Бояд хуб дар хотир нигоҳ дошта бошед, ки донишомӯзӣ ин на барои устод, на барои волидайн ва на барои ягон шахси дигар, балки барои худ ваояндаи дурахшони Шумост.

Ҳаракат намоед то, ки аз донишомӯзӣ ҳаловате бурда бошед.

**Дар хотир доред: Пешравии фаъолияти пурсамари идоракунӣ аз роҳбарии хирадмандона ва санъати хуби идоракунӣ вобастагии калон дорад.**

**Тавсияҳои методӣ барои гузаронидани дарсҳои лексионӣ**

1. Ҳадафи асосии дидактикии лексия – ин таъмини нишонаҳои асосии азхудкунии маводҳои таълимӣ мебошад.

**Усулҳои дидактики (насиҳатомезии) лексия:**

**- усули илмӣ** (тарбияи услуби дурусти диалектикӣ (лаҳҷавӣ, шевагӣ) дар фанҳои омӯхташудаистода ва ҳодисаву воқеаҳо, тафаккури диалектикӣ, ташаккул намудани тасаввуроти дуруст, мафҳумҳои илмӣ ва маҳорати дақиқ ифода намудани он дар муайян кардани истилоҳҳои дар илм қабулшуда);

**- усули робитаи назария ва амалия** (дар ошкор намудани робитаи қонуниятҳои назариявӣ ва маърифатӣ дар татбиқи ифодаи амалии он);

**- усули мураттабӣ ва пайдарҳамӣ** (дар сохти мантиқии лексия муносибатҳои дурусти назариявӣ ва далелҳои воқеӣ дар мувофиқати сохти таркибии қисмҳо (сарсухан, қисмати асосӣ, хотима), қайди ғояҳои асосӣ, тавсияҳои хулосавӣ, муқаррар намудани робита бо дигар фанҳо, алоқамандии мафҳум ва мавзӯъ, усулҳои индуктивӣ ва дедуктивии баёнот):

2. Вазифаҳои лексия:

**вазифаи ахборотӣ** - донишҷӯро бо таркиби мантиқӣ, шакл ва мазмуни мавзӯъҳои таълимӣ ба воситаи ошкорнамоии далелҳои илмӣ ва ҳодисаву воқеаҳо, мавқеъҳои асосӣ ва хулосавӣ, қонун ва қонуниятҳо дар мисолҳои пайдарҳам шинос менамояд;

**вазифаи мавқеӣ** - равияи ихтисосӣ-далелии донишҷӯёнро ба воситаи интихоб намудани сарчашмаҳои асосии таркибӣ, таҳлили мактабҳои гуногуни илмӣ ва назариявӣ идора менамояд;

**вазифаи методологӣ** - омӯзгор ба воситаи тафаккури илмӣ, ошкор намудани усулҳои тадқиқот, шартҳои муқоисавӣ, муқаддимавӣ, муносибат ва усулҳои кофтуковҳои илмӣ идроки зеҳнии донишҷӯйро ташаккул дода, роҳбарӣ менамояд;

**вазифаи идоракунӣ** - дар роҳбарии педагогии дарккунӣ фаъол намудани фикррониии донишҷӯён, баланд бардоштани дараҷаи азхудкунӣ ва қувваи ҳофиза зоҳир мегардад;

**вазифаи иштиёқмандӣ (рӯҳбаландӣ)** - дар донишҷӯён ташаккул додани муносибатҳои баҳодиҳии муассирӣ нисбати фанҳои омӯхташаванда, мақсадҳои дохилӣ дар омӯзиши ҳаҷми маълумоти додашуда мебошад.

**Тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ ва корҳои лабораторӣ**

Дар муассисаҳои олии касбӣ машғулиятҳои амалӣ дар мустаҳкам намудани дониши назариявии муҳассилин аҳамияти хоса доранд. Ҳангоми мавҷуд будани ягонагӣ ва шабоҳати мақсадҳои таълимии омӯзгор ва донишҷӯ дар машғулияти амалӣ ҳамзамон дар он тавофутҳо ба мушоҳида мерасанд.

**Талабот дар бобати банақшагирӣ ва тартибдиҳии тавсияҳои методӣ ба машғулиятҳои амали (семинарӣ, лабораторӣ)-и омӯзгорон.**

Ҳангоми банақшагирии таркиб ва мундариҷаи машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ ва лабораторӣ мавҷуд будани мақсадҳои гуногуни дидактикиро ба назар гирифтан зарур аст.

Мақсади асосии дидактикии машғулиятҳои амалӣ – ташаккули малакаҳои амалӣ, касбӣ ё таълимӣ мебошад, ки он дар фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ба фанҳои умумӣ ва ё махсуси касбӣ зарурат доранд.

Мутобиқ ба мақсади асосии дидактикӣ мундариҷаи машғулиятҳои амалӣ аз ҳалли масъалаҳои гуногун, аз ҷумла масъалаҳои касбӣ (таҳлили ҳолатҳои ҳалталаб, ҳалли масъалаҳои дар истеҳсолот бавуқӯъомада, иҷрои вазифаҳои касбӣ дар бозиҳои таълимӣ ва корӣ ва ғ.), иҷрои ҳисоббарорӣ, кор бо асбобҳои ченкунӣ, таҷҳизот, дастгоҳҳо, кор бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, маводҳои дастурӣ, маълумотномаҳо, тартибдиҳии ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ, нақшавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои махсус иборат аст.

Дар машғулиятҳои амалӣ донишҷӯён соҳиби дониш ва малакаҳои нахустини касбӣ мегарданд, ки минбаъд дар раванди лоиҳакашии курсӣ, таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ мустаҳкам мегарданд.

Ҳамзамон бо ташаккули донишу малакаҳо дар раванди машғулиятҳои амалӣ дониши назариявӣ умумӣ, чуқур, бонизом ва мушаххас гардида, қобилияти омодагӣ барои истифода намудани дониши назариявӣ дар амалия коркард шуда, малакаҳои зеҳнии донишҷӯён инкишоф меёбанд.

Мақсади асосии дидактикии машғулиятҳои семинарӣ танзим ва маълумотдиҳӣ оид ба мавзӯи баррасишаванда, ташаккул ва такмили малакаи кор бо маъхазҳои иловагии иттилоот, қиёс ва мутобиқгардонии нуктаҳои назар, навиштани мухтасароти хаттии мавзӯъ, баёни нуктаи назари хеш мебошад.

Мутобиқ ба мақсади асосии дидактикӣ мундариҷаи машғулиятҳои семинариро қисматҳои нисбатан мушкилфаҳми мавзӯъ, фасл, фанро фаро мегиранд. Махсусияти бурдани машғулиятҳои мазкур ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳо буда, ҷустуҷӯи ҷавоби дуруст бошад, дар асоси пайдарҳамии фаъолияти умумӣ ва инфиродӣ зоҳир мегардад.

Баҳогузорӣ тавассути механизми муҳокимаи умумӣ, мутобиқгардонии вариантҳои пешниҳодшуда бо дониши илмии эмпирикӣ ва назариявӣ, ки ба соҳаи мазкур вобастагӣ доранд, амалӣ карда мешавад. Ин барои зиёд шудани имконияти амалӣ кардани худбаҳодиҳии дониш ва малака, аз тарафи донишҷӯён дарёфт

намудани нуктаҳои номафҳум, баландшавии фаъолияти донишомӯзӣ мусоидат менамояд.

Дар раванди ҷустуҷӯи ҷавобҳо ба саволҳои гузошташуда донишҷӯён низоми инфиродии маданияти мафкуравии худ ва амалиётҳоро ташаккул медиҳанд. Онҳо тарзи тафаккури интиқодиро инкишоф дода, маҳсули эҷодии худро ба вуҷуд меоранд, мустақилияти фардӣ, қобилияти бархӯрд ба ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки дар раванди ҳамкории муштарак ба вуҷуд меоянд, дар худ тарбия мекунанд. Тарзи дастаҷамъии фаъолият дар машғулияти семинарӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки байни онҳо муносибатҳои самараноки корӣ инкишоф ёфта, дар онҳо ҳисси боварӣ ба қувваи худро парвариш мекунад.

Ҳангоми интихоби мундариҷаи фаннии машғулиятҳои семинарӣ ба омӯзгор зарур аст, таҳияи дидактикиро амалӣ намояд, то ки дар он принсипи ба сифати мушкилот пешниҳодшуда риоя гардад ва он ҳамчун асоси методии амаликунии мубоҳиса, муҳокима, истифодаи эҷодии дониши мавҷудбуда аз тарафи донишҷӯён хизмат кунад. Бо мақсади фаъолгардонии фаъолияти зеҳнии донишҷӯён, бедор кардани ҳавасмандӣ ба масъалаи баррасишаванда ба семинар дохил намудани унсурҳои навгонӣ, алалхусус саволҳои шаклан ва мазмунан нав, овардани далелҳои ҷолиб, истифодаи воситаҳои ҷадиди аёнӣ ва техникӣ мувофиқи мақсад аст.

Мақсади асосии дидактикии корҳои лабораторӣ тасдиқи озмоишӣ ва тафтиши муқарраротҳои назариявии заминавӣ (қонунҳо, қонуниятҳо) мебошад. Бинобар ин, онҳо ҳангоми омӯхтани дониши фанҳои табиӣ-илмӣ мақоми афзалиятнокро соҳиб мебошанд.

Мутобиқ ба мақсади асосии дидактикӣ мундариҷаи корҳои лабораторӣ метавонад озмоиши таҷрибавии формулаҳо, усулҳои ҳисобкунӣ, муқарраркунӣ ва тасдиқи қонуниятҳо, шиносоӣ бо усулҳои гузаронидани озмоишҳо, муқарраркунии хусусиятҳои маводҳо, тавсифҳои сифатӣ ва миқдории онҳо, мушоҳидаи инкишофи ҳодисаҳо, равандҳо ва ғайраро дар бар гиранд.

Ҳангоми интихоби мундариҷа ва ҳаҷми корҳои лабораторӣ аз нуқтаи назари мураккаб будани азхудкунии маводи таълимӣ, алоқаҳои байнифаннӣ ва дохилифаннӣ, аҳамияти муқаррароти назариявии омӯхташаванда барои фаъолияти касбии минбаъдаи он, ки кори мазкур дар маҷмӯи корҳои лабораторӣ мавқеъ дорад, аҳамияти онҳо дар ташаккули тасаввуроти яклухт дар мундариҷаи фанни таълимӣ зарурати амал кардан дорад, бояд баромад.

Ҳангоми банақшагирии корҳои лабораторӣ ба назар гирифтан зарур аст, ки ҳамзамон бо мақсади асосии дидактикӣ (тасдиқи муқарраротҳои назариявӣ) дар донишҷӯён донишу малакаҳои амалӣ дар истифодаи асбобҳои гуногун, таҷҳизот ва дастгоҳҳое, ки қисми муҳими омодакунии касбии онҳо маҳсуб мешаванд, инкишоф меёбанд.

Барои самаранок гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ ва корҳои лабораторӣ иҷрои амалҳои зерин тавсия дода мешавад:

- тобеъгардонии методикаи гузаронидани машғулиятҳо ба мақсадҳои дидактикии асосӣ бо дастурҳои мутобиқ барои донишҷӯён;
- истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш ҳангоми таълим;
- истифодаи шаклҳои дастаҷамъӣ ва коллективии кор, истифодаи шаклҳои инфиродӣ барои баланд бардоштани ҳисси масъулияти ҳар як донишҷӯ дар иҷрои ҳаҷми муқаррargardидаи корҳо;

- гузаронидани машғулиятҳо дар сатҳи баланди мураккабӣ бо воридкунии вазифаҳо вобаста ба шароитҳои интихобкардаи донишҷӯён ҳангоми иҷрои кор, мушаххасгардонии мақсадҳо, интихоби мустақилонаи усулҳо ва воситаҳои зарурии ҳалли масъалаҳо;

- таҳияи маҷмӯи масъалаҳо, вазифаҳо ва машқҳо бо замимаи тавсияҳои методии вобаста ба касбҳои мушаххас;

- интихоби масъала ва вазифаҳои иловагӣ барои донишҷӯёне, ки бо суръати нисбатан тез кор мекунанд, бо мақсади самаранок истифода намудани вақти барои машғулият ҷудошуда;

- таҳияи вазифаҳо барои назорати автоматикунонидашудаи тестӣ ҳангоми омодагии донишҷӯён ба машғулиятҳо.

**Тавсияҳои методӣ оид ба гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод**

Кори мустақилонаи донишҷуён бо роҳбарии устод дар мактабҳои олӣ мақоми хосе дошта, дар тайёрии мутахассисони оянда нақши калон мебозад.

Аз рӯи намуди кори мустақилонаи донишҷуён бо роҳбарии устод ду хел мешавад: аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ.

Бисёр шаклҳои онҳо ба якдигар низ монандӣ доранд. Бинобар ин тавсифи кори мустақилонаи донишҷуён бо роҳбарии устод на аз рӯи намуд, балки шаклҳо дода шудааст.

Умуман дар зери мафҳуми кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод шаклҳои гуногуни кори таълимӣ, истеҳсолӣ, таълимӣ-тадқиқотӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва фаъолияти худомӯзии (худмаълумотгирии) онҳо фаҳмида мешавад. Кори мустақилона барои аз худ намудани инҳо равона карда шудаанд:

- системаи донишҳои умумиилмӣ ва касбӣ;
- системаи фаъолияти дарккунӣ ва касбӣ;
- таҷрибаи кори эҷодӣ;
- таҷрибаи муассиршавӣ ба ҳақиқат ва касби оянда.

Мақсади кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод дар мактабҳои олӣ аз он иборат аст, ки дар тайёр намудани мутахассисони мутобиқи меъёр ва талабот мадад расонад, инчунин ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ, касбӣ ва тарбиявӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти таълимии кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод дар он аст, ки дониши толибилмонро афзун ва мустаҳкам менамоянд. Дар протсесси кори мунтазаму мақсаднок мушоҳидакориву тафаккури мантиқӣ ва мавҳумии донишҷӯён инкишоф меёбад.

Дар раванди кори мустақилона донишҷӯ иттилооти зарурииро ҷудо карда гирифтан, ба маводи омӯхтааш аз назари танқидӣ баҳо додан, маҳорати мустақилона дониш ҳосил кардан, дар фаъолияти амалии худ эҷодкорона истифода бурданро аз худ менамоянд.

**Ҷиҳатҳои таълимӣ, касбӣ ва тарбиявии кори мустақилонаи донишчуён бо роҳбарии устод аз инҳо иборат аст:**

- доираи чаҳонбинии касбӣ ва умумии онҳоро васеъ ва пурра (амиқ) намудан;
- малака ва маҳорати ташкили илмии меҳнати зеҳниро дар онҳо ташаккул

додан;

- аз худ намудани методикаи кори мустақилона;
- қобилияти дарккунии донишҷӯёнро инкишоф додан;
- малакаҳои дар амал истифода бурдани донишҳои назариявиро дар онҳо ташаккул додан;
- талаб ва майлу хоҳиши минбаъд ба худмаълумотгирӣ машғул шуданро дар онҳо ташаккул додан;

Вазифаҳои дар боло номбаршудаи кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод барои муайян намудани мазмун, методҳои муайян ва шаклҳои ташкили он дар раванди машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ ниҳоят заруранд.

**Талабҳои ба кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод**

1. Бо талаби барномаи таълимӣ мувофиқат кардани мазмуни кори мустақилона;
2. Дар доираи имконияти донишҷӯён будани кори мустақилона;
3. Риоя кардани принсипи иҷрои бошууронаи кори мустақилона;
4. Бо системаи муайян ташкил намудани кори мустақилона;
5. Донишҷӯёнро ба иҷрои кори мустақилона тайёр намудан, яъне:

а) дар бораи мақсад ва вазифаҳои кор дастури аниқ, дақиқ ва мухтасар додан;

б) донишҷӯёнро ба малакаҳои зарурии техникӣ ва ташкилии иҷрои кори мустақилона мусаллаҳ намудан;

в) дар назди донишҷӯён гузоштани чунин вазифаҳое, ки ҳаллашон аз онҳо саъю кӯшиши фикреро талаб намояд;

г) риоя намудани вақте, ки барои иҷрои кори мустақилона ҷудо карда шудааст;

6. Аз тарафи муаллим бевосита назорат намудани рафти иҷрои кори мустақилона ва дар ҳолати пеш омадани душвориҳо ба донишҷӯён ёрии зарурӣ расондан.
7. Муқаррар намудани назорати ҳатмӣ аз болои иҷрои кори мустақилона.